Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон
(ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Бобоев Нозимҷон Мансурович ба диссертатсияи Аҳадов Исматилло Қаюмович дар мавзуи "Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07.- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

## Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Диссертатсияи Аҳадов Исматилло Қаюмович дар мавзуи "Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба сархатҳои 10.12. Такмили низоми идоракунии хавфҳои бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 10.13. Проблемаҳои арзёбӣ ва таъмини эътимоднокии бонк, 10.14. Коркарди равишҳои арзёбии сандуқи дороиҳои бонкҳои Тоҷикистон ва самтҳои муносибгардонии сандуки мазкур, 10.16. Системаи мониторинг ваояндабинии хавфҳои бонкӣ шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот** аз он бармеояд, ки рушди бомуваффақияти иқтисодиёти ҳар як кишвар ва суръати баланди рушд кофӣ будани сармояи бонкҳо ва гирдгардиши пулро дар бозори молиявӣ тақозо мекунад. Дар вазъияти норасоии захираҳои қарзӣ, бонкҳоро зарур аст, ки барои устувории худ ва аз тарафи дигар, гирифтани даромади зиёд равиши дурусти идоракунии дороиҳоро интихоб намоянд. Ба андешаи мо, бинобар аҳаммияти муҳимми иқтисодӣ доштани низоми бонкӣ, масъалаҳои асосии танзим ва рушди он дар маркази диққати унвонҷӯ қарор гирифтааст.

Идоракунии дороиҳо дар муҳити иқтисодии ҳар як мамлакат таҳия ва татбиқи стратегия ва қабули қарорҳои роҳбарияти бонкро тақозо мекунад. Дар натиҷаи афзоиши бақияи пулии ташкилотҳои қарзӣ, миқдори зиёди қарзҳои мухлати пардохташон батаъхирафтода, хавфи бонкӣ ва паст шудани

даромаднокӣ зарурият ба вуҷуд меояд, ки идоракунии дороиҳо дар ташкилотҳои қарзӣ ба таври мунтазам ва мақсаднок амалӣ карда шавад.

Бо ҳамин сабаб муҳим аст, ки масъалаи марбут ба идоракунии дороиҳои бонкӣ боз ҳам дақиқтар омӯхта шаванд. Ин масъала аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ дошта, дар назди илми иқтисодиёт ва рушди он вазифаҳои нав мегузорад ва баҳри рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро саҳми зиёд мегузорад. Маҳз масъалаҳои номбурда мубрамияти мавзуи Аҳадов Исматилло Қаюмовичро нишон медиҳад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда**

Аз ҳамин хотир қайд кардан зарур аст, ки навгониҳои илмии диссертатсияи Аҳадов И.Қ. дар асосноккунии ҷиҳатҳои методӣ ва назариявии идоракунии дороиҳои бонкӣ, таҳияи тавсияҳо оид ба такмили усулҳои идоракунии онҳо зоҳир гардида, имкон медиҳад, ки самаранокии тақсимоти захираҳо ва идоракунии онҳо ҳангоми нигоҳ доштани сатҳи кофии пардохтпазирӣ ва кам кардани хавфҳо, таъмин карда шавад (саҳ. 10-11).

Ба туфайли натиҷаҳои таҳқиқот унвонҷӯ масъалаҳои зеринро ҳамчун навгонии илмӣ пешниҳод намудааст, ки асосноккунии онро дар матни диссертатсия мушоҳида кардан мумкин аст:

1) Аз тарафи унвонҷӯ асосҳои назариявию методии ташаккули дороиҳои бонкӣ мушаххас ва дар асоси ҷамъбасти натиҷаҳои назариявию методии адабиёти мавҷуда таърифи такмилшудаи «дороиҳои бонкӣ» пешниҳод гардидаст, ки воқеан ҷанбаи навгонӣ дорад.

2) Зарурати зиёд намудани дороиҳои низоми бонкӣ вобаста ба мутобиқшавии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ба вазъияти тағйирёбандаи иқтисодиёти муосири ҷаҳон собит гардида, сарчашмаҳои ташаккули дороиҳо, роҳҳои беҳтар гардонидани сифати онҳо, усулҳои муосир ва самараноки баҳодиҳӣ ва роҳҳои дурусти идоранамоии дороиҳо муайян ва пешниҳод шудаанд.

3) Роҳҳои амалисозии механизм ва методҳои самараноки идоракунии дороиҳои бонкӣ бо такя ба таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ пешниҳод гардида, истифодаи он дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир дониста шудааст.

4) Муаллиф маҷмуи усулҳои муосири баҳодиҳии дороиҳои бонкӣ ва истифодаи самараноки онро таҳия намуда, вобаста ба ҳолати низоми бонкӣ, кифоятӣ, сатҳ ва сифати дороиҳо, таносуби воситаҳои худӣ ва ҷалбкардашуда роҳҳои таъмини устувории молиявии бонкҳо дар шароити имрӯза ба таври мушаххас пешниҳод шудааст.

5) Унвонҷӯ тағйиротхои сифатии идоранамоии дороиҳои бонкиро баррасӣ ва механизмҳои асосноки идоракунии самараноки онҳоро аз нуктаи назари паст кардани шиддати хавфҳо ва коҳиш додани таъсири омилҳои бӯҳронӣ пешниҳод намуда, зимнан ба инобат гирифтани ташаккули дороиҳо, ҳаҷми умумии дороиҳои камарзиш ва даромаднок, сифати дороиҳо аз рӯи бозоргирии онҳо ва эътимоднокии мизоҷон нисбат ба бонкро зарур шуморидааст.

6) Дар диссертатсия роҳҳои истифодаи самараноки дороиҳои бонкӣ баррасӣ ва дурнамои нишондиҳандаҳои таркибии он тавассути амсиласозӣ таҳия гардидаст.

Асоснок будани нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатся бо он собит мешавад, ки дар таҳқиқот муаллиф идоракунии дороиҳои бонкҳои тиҷоратиро илман асоснок ва роҳҳои такмили механизмҳои асосии идоракунии онҳоро пешниҳод карда, чараёни ташаккули дороиҳои бонкиро дар сатҳи институтсионалӣ ва таҷрибаи хориҷии идоракунии дороиҳои бонкиро пайгирӣ намуда, механизмҳои истифодаи ин таҷрибаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон додааст. Ҳамзамон, усулҳои муосири баҳодиҳӣ, танзим ва идоракунии дороиҳои бонкӣ аз нуктаи назари баланд бардоштани сифати дороиҳо, нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ ва равандҳои идоракунии дороиҳои бонкӣ усулҳои таъмини суботи молиявӣ ва истифодаи самараноки дороиҳои бонкӣ ҳамчун нуктаҳои ҳимояшаванда пешниҳод шудаанд. Таҳлили гузаронидашуда асоснок ва муътамад будани нуктаҳои мазкурро нишон дод.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия қайдшуда**

Муаллиф дар натиҷаи омӯзиши адабиёт ва сарчашмаҳои соҳавӣ асосҳои илмии идоракунии дороиҳои бонкӣ, роҳҳои такмили механизмҳои асосии идоракунии онҳоро дар сатҳи назариявӣ муайян намуда, татбиқи таҷрибаи пешқадами хориҷиро дар идоракунии дороиҳо дар муҳити бонкии

Ҷумҳурии Тоҷикистон санҷидааст. Инчунин дар натиҷаи таҳлили маълумотҳо метавон гуфт ки низоми бонкӣ аз ҳолати бuҳронӣ раҳо шудааст ва сарфи назар аз мушкилот ва проблемаҳои мавҷуда таъсири низоми бонкӣ дар шароити муосир ба тамоми соҳаҳои муҳимми мамлакат, аз ҷумла ба нишондиҳандаҳои муҳимми макроиктисодӣ муайян карда шудааст. Инчунин муаллиф дар хулоса роҳҳои имконпазири афзоиши даромадро тавассути даромаднокии дороиҳо, диверсификатсияи амалиёти фаъол, сифати сандуки қарзӣ, пардохтпазирии дороиҳо ва ғайра пешниҳод карда шуданд.

Дар рисола оварда шудааст, ки дар баробари мушкилоти зиёд дар низоми бонкӣ боз як мушкили муҳим – нокифоя будани дороиҳо дар тавозуни бонкҳои тиҷоратӣ вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, дар рисола якчанд роҳҳои ҷалби сармоя, аз ҷумла ҷалби маблағҳои ғайринақдӣ, вусъат додани фурӯши коғазҳои қиматнок дар байни аҳолӣ, таваҷҷуҳи сармоягузорони хориҷӣ ва ғайра пешниҳод шудааст

Муаллиф дар асоси таҳқиқоти илмӣ роҳҳои такмили низоми идоракунии дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ пешниҳод намудааст, ки ба ин таҳияи методологияи идоракунии сифати дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ дар асоси таҷрибаи хориҷӣ, зиёд кардани амалиётҳои бонкӣ ва сафарбарсозии дороиҳои бонк ба амалиётҳои гуногун, осон гардонидани раванди қарздиҳӣ, ташкили шуъбаи қарздиҳии сайёр аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ дар минтақаҳои деҳот, ташкили агентиҳои махсуси рейтингии бонкӣ ва ташкили сохтори махсуси идоракунии қарзҳо барои назорати мақсаднок истифода шудани қарзҳоро дохил намудан мумкин аст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ Аҳадов Исматилло Қаюмович дар мавзуи “Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба талаботи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 мувофиқ буда, идоракунии дороиҳои бонкӣ бо самаранокии идоракунии захираҳо ва истифодаи воситаҳо, дар самти даромаднокӣ, пардохтпазирӣ, кифоятии сармоя, инчунин бо риояи қоидаю дастурамалҳои танзимгари асосӣ

алоқамандӣ дорад, ки ҷанбаҳои ҳуқуқии корҳои анҷомдодаи муаллифро дар заминаи асосноккуниҳои илмӣ муайян менамояд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар амиқ намудани принсипҳои бунёдии назорати самараноки идоракунии дороиҳои бонкӣ, ки дар адабиётҳои иқтисодии ватанӣ ва хориҷӣ оварда шудаанд асос ёфта, ҷанбаҳои дигари масъаларо унвонҷӯ мавриди баррасӣ қарор додааст, ки ин дар муайянсозии ҷанбаҳои муҳими танзими истифодаи захираҳои молиявию қарзӣ ва таҳияи консепсияи рушди устувори он инъикос меёбад. Хулоса ва пешниҳодҳои бадастомада доираи таҳқиқоти мавҷударо дар соҳаи истифодаи захираҳои молиявию қарзӣ васеъ намуда, метавонанд ба пояи низоми муътадили фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ бо мақсади таъмини рушди самараноки иқтисоди миллӣ ворид карда шаванд. Ҳамзамон бо ин гуфтан мумкин аст, ки равишҳои амалӣ ва натиҷавии масъалаи мазкурро таҳлилҳои боби дуюм ва дурнамои рушди онро дар боби сеюм унвонҷӯ баён намудааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз заминаҳои бунёдии ташаккул ва рушди дороиҳои бонкӣ бо дарназардошти идораи самараноки онҳо иборат буда он аз сарчашмаҳои мушаххас таркиб ёфтааст ва ин масъала муваффақиятҳои амалии кори унвонҷӯро инъикос менамояд (саҳ. 59-165).

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**

Ҳамаи давраҳои иҷроиши нақшаи кори илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсадҳои гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудаанд. Дар раванди таҳқиқот муаллиф раванди истифодаи самараноки дороиҳои бонкӣ ва идоракунии онҳоро дар шароити имрӯза омӯхта, роҳҳои баландбардории самаранок истифодабарии дороиҳои бонкиро коркард ва самтҳои афзалиятноки онро дар кишвар пешниҳод намудааст ва ин масъала дар шароити имрӯза аз ҳама нуктаи назар қобили дастгирӣ мебошад. Илова бар ин фарзияи таҳқиқоти унвонҷӯ низ дар шароити имрӯза хусусияти баланди татбиқшавӣ дорад. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ пешниҳод гардидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба талабот ҷавобгӯ буда, диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Диссертатсия дар ҳаҷми 184 саҳифаи матни компютерӣ баён гардида, 14

ҷадвал, 16 диаграмма, 5 расм ва феҳристи адабиёти истифодашудаи иборат аз 135 маъхазро дар бар мегирад (саҳ. 172-180).

Унвонҷӯ татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии худро дар бобҳо ва параграфҳои алоҳида мавриди баррасӣ ва арзёбӣ карор додааст, ки тафсири конкертии онро дар шакли зайл мушоҳида кардан осон мебошад.

Унвонҷӯ дар боби аввали диссертатсия, ки «**Асосҳои назариявӣ ва методии идоракунии дороиҳои бонкӣ**» ном дорад, асосҳои назариявии низоми бонкӣ, бонк, дороиҳои бонкӣ ва идоранамоии дороиҳои бонкӣ, заминаҳои институтсионалии ташаккули дороиҳои бонкӣ дар замони муосир, инчунин таҷрибаи хориҷии идоракунии дороиҳои бонкӣ ва имконияти истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дуруст қайд гардидааст, ки дар раванди рушди иктисодиёт ташкилотҳои қарзӣ ҳамеша норасоии захираҳои қарзиро мушоҳида менамоянд ва албатта роҳи ҳали ин масъала дар сатҳи диссертатсияи уновнҷӯ вобаста ба натиҷаҳои бадастовардаи таҳқиқот пешниҳод гардидаанд. Ҳамзамон рушди бомуваффақияти иктисодиёти ҳар як кишвар аз низоми бонкӣ вобастагии зиёд дошта, тақозо мекунад, ки дороиҳои бонкҳо кофӣ бошад ва гирдгардиши пулро дар бозори молиявӣ таъмин намояд (саҳ. 15-58).

Дар диссертатсия бахшҳои назариявии масълаҳои идоракунии дороиҳои бонки таҳлил гардида, аз тарафи муаллиф исбот карда шудааст, ки рушди бомуваффақияти иктисодиёти ҳар як кишвар ва суръати баланди рушд тақозо мекунад, ки сармояи бонкҳо кофӣ бошад ва гирдгардиши пулро дар бозори молиявӣ таъмин намояд. Бонкҳо дар ҷараёни фаъолият метавонанд ба норасоии захираҳои қарзии бонкҳо дучор оянд ва аз ин рӯ, онҳоро зарур аст, ки барои устувории худ ва аз тарафи дигар, даромаднокии зиёд бояд муносибати дурусти идоракунии дороиҳоро интихоб намоянд (саҳ. 18).

Яке аз натиҷаҳои назарраси илмӣ дар диссертатсия саҳми муаллиф дар таҳқиқи назариявии мафҳуми дороиҳои бонкӣ ба ҳисоб мераванд. Дар ин замина муаллиф қайд мекунад, ки дороиҳо бонкӣ аз маблағҳо ва сарватҳое иборат мебошанд, ки бонкҳо дар ихтиёри худ доранд ва қисмате аз онҳо аз ҷониби бонк ба таври муваққатӣ ҷалб карда шуда, барои ба роҳ мондани фаъолияти худ ва пешбурди он истифода бурда мешаванд. Ҳамчунин дар диссертатсия исбот шудааст, ки дороиҳои бонкӣ ин маблағҳои пулии худи бонк ва ба муҳлати муайян аз манбаъҳои гуногун ҷалбгардида мебошанд ва

афзоиши он бошад, аз ҳисоби гузаронидани амалиёти активӣ ва пассивӣ сурат мегирад (саҳ. 23).

Натиҷаи дигари назаррас дар дисертатсия он мебошад, ки доир ба масъалаҳои идоракунии дороиҳои бонкӣ муаллиф пешниҳодҳои лозимаро арзёбӣ намудааст, яъне, пешниҳод мекунад, ки низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ танҳо дар асоси истифода ва сафарбаркунии дурусти захираҳои пулӣ дар шакли қарзҳо, сармоягузорӣ ва дигар воситаҳо, ки метавонад ба афзоиши сармоя оварда расонад, ба роҳ монда мешавад, ки он аз тактика ва стратегияи роҳбарияти бонк вобаста аст.

Дар диссертатсия аз тарафи муаллиф қайд карда шудааст, ки объекти низоми идоракунии дороиҳо, пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки бонки тиҷоратӣ аз кадом намуди сиёсати идоракунӣ истифода мебарад. Бинобар ин муайян намудани сиёсати дурусти идоракунӣ ва истифодаи он бонк метавонад ба ҳадафҳо ва вазифаҳои дар наздаш гузошташуда ноил гардад.

Аз тарафи муаллиф дар диссертатсия муҳим дониста мешавад, ки уҳдадориҳо яке заминаи асосии захиравии бонк буда, аз сармояи худию ҷалбкардашуда ташкил меёбад ва бо мақсади дар оянда даромад овардан ва таъмин намудани даромаднокии бонк дар сохтори дороиҳо ҷойгир карда мешаванд (саҳ. 30). Ҳамчунин, муаллифи диссертатсия муҳим медонад, ки дороиҳое, ки ба сармоягузории молиявӣ равона карда мешаванд, ҳарчанд хавфҳои гуногуни молиявӣ дошта бошанд ҳам, метавонанд ба бонк даромади зиёд оранд. Аммо бештари бонкҳои тиҷоратӣ ба сармоягузорӣ ба вомбаргҳои давлатӣ, ки даромаднокии нисбатан пасти устувор доранд, дар ҳоле, ки хатар вуҷуд надорад, бартарӣ медиҳанд.

Натиҷаи дигари имлии диссертатсия дар он ифода ёфтааст, ки муаллиф дар асоси таҳлилҳои аҷомдодашуда қайд мекунад, ки ҳар бонк хароҷоти худро бояд таҳти назорат гирад, зеро кам кардани хароҷот боиси нигоҳ доштани пардохтпазирӣ ва ба даст овардани фоидаи зиёд мегардад. Аз ин рӯ, афзоиши дороиҳои бадастомада аз мавҷудияти захираҳои изофӣ вобаста буда, афзоиши пасандозҳоро дар низоми бонкӣ тақозо мекунад. Баръакс, сари вақт барнагаштани қарз ҳаҷми пасандозҳоро коҳиш медиҳад ва захираҳои иловагии бонкиро зиёд мекунад (саҳ. 42).

Натиҷаҳои илмии диссертатсия дар асоси таҳлили васеъи фаъолияти ҳамаҷонибаи бонкҳои тиҷоратӣ, арзишмандии худро боло бурдаанд. Дар

заминаи мазкур, муаллифи диссертатсия қайд мекунад, ки сатҳи қарзҳои ғайрифаъол яке аз нишондиҳандаҳои муҳимтарини инъикоскунандаи сифати сандуқи қарзии бонкҳо мебошад. Афзоиши аз ҳад зиёди он аксар вақт бо рушди вазъиятҳои бухронӣ дар иқтисодиёт алоқаманд буда, метавонад ба суботи молиявӣ таҳдид кунад. Тибқи таҳқиқот, дар 80%-и бухронҳои бонкӣ бад шудани суботи молиявии бонкҳо ба афзоиши қарзҳои ғайрифаъол алоқаманд аст (саҳ. 46).

Натиҷаҳои амалии диссертатсия дар он зоҳир мегарданд, ки муаллифи он, таҷрибаи давлатҳои ҳамсояро доир ба масълаҳои идоракунии дороиҳо ва сифати онҳо омӯхта, пешниҳодҳои илман асосноки худро, ҷиҳати такомули сохтор ва сифати дороиҳои бонкҳои тиҷоратии ватанӣ ироа кардааст. Яъне, Аҳадов И.Қ. қайд мекунад, ки дар асоси таҷрибаи хориҷӣ таҳияи назария ва методологияи идоракунии дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ бояд ба роҳ монда шавад.

Дар боби дуюм **“Таҳлил ва баҳодиҳии идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”** бошад, масъалаҳои равандҳои идоракунии дороиҳои бонкӣ ва баҳодиҳии сифати дороиҳо дар шароити муосир, баҳодиҳии динамикии идоракунии самараноки дороиҳои бонкӣ, арзёбии хавфҳои муосири низоми бонкӣ ва таъсири онҳо ба сифати дороиҳо мавриди таҳлил қарор гирифтанд.

Як нуқта боиси дастгирӣ буда, унвонҷӯ чунин меҳисобад, ки рушди бонки тиҷоратӣ аз идоракунии дурусти дороиҳо сарчашма гирифта, идоракунии самараноки дороиҳои бонкӣ бидуни идоракунии захираҳо ва пардохтпазирии бонк ғайриимкон аст. Ҳамин тавр, бонкҳои тиҷоратӣ бо роҳи самаранок истифода бурдани захираҳои молиявӣ даромади максималии худро ба даст меоранд. Бинобар ин, ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки ҳарчи бештар барои истифодаи дороиҳо кӯшиш намуда, онро ба амалиётҳои фоиданок сафарбар намоянд ва ин масъала муваффақиятҳои унвонҷӯро дар самти иддораи самараноки дороиҳои инъикос менамояд (саҳ. 59-112).

Дар натиҷаи таҳлили сохтори ва нишондиҳандаҳои рушди бонкҳои тиҷоратии вантанӣ дар диссертатсяи исбот карда шудааст, ки рушди бонки тиҷоратӣ аз идоракунии дурусти дороиҳои он сарчашма мегирад. Идоракунии самараноки дороиҳои бонкӣ бидуни идоракунии захираҳо ва пардохтпазирии бонк ғайриимкон аст. Идоракунии захираҳои бонк

амалиётҳо оид ба ҷалб ва тақсими захираҳоро инъикос менамояд. Ҳмчунин, қайд карда мешавад, ки даромади максималии бонкҳои тиҷоратиро бо роҳи самаранок истифода бурдани захираҳои молиявӣ ба даст овардан мумкин аст. Таҳлили сифати дороиҳо омили асосии арзёбии фаъолияти бонк буда, таҳияи чораҳои рафъи вазъиятҳои бухронӣ ва устувории корро таъмин менамояд (саҳ. 52).

Таҳлилҳои сахеҳ, гувоҳи он мебошанд, ки муаллифи диссертатссия саҳми арзанда дар натиҷаҳои илмӣ дорад. Аз тарафаи муаллифи диссертатсия яке аз нишондиҳандаҳои муҳими фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, яъне пардохтпазирӣ, таҳлили васеъ карда шудааст. Дар натиҷаи таҳлил, дар диссертатсия муайян карда шудааст, ки пардохтпазирӣ тавассути нигоҳ доштани пули нақд дар хазина ё ҷойгир кардани маблағҳо дар суратҳисобҳои дар бонки тиҷоратӣ, бонки марказибуда ва ғайра, ки пардохтпазирии баланд доранд, таъмин карда мешавад (саҳ. 72).

Муаллифи диссертатсия пешниҳод мекунад, ки барои баланд бардоштани сифати дороиҳои бонкӣ ва такмили раванди идоракунии он чораҳои зеринро андешидан зарур аст: осон гардонидани дастрасии мизоҷон ба қарз аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ (аз қабили дар мӯҳлати кӯтохтарин ва бо ҳуҷҷатгузории осон дастрас намудани қарз), ки ин таваҷҷуҳи мизоҷонро ҷалб намуда, шумораи онҳоро зиёд мегардонад; дарёфти роҳҳои нави ҷалби сармоя барои васеъ намудани имкониятҳои қарздиҳӣ ва сармоягузорӣ ҷиҳати баланд бардоштани даромаднокии бонки тиҷоратӣ; баланд бардоштани сифати дороиҳо ва сифати сандуқи қарзӣ ва бо ин восита зиёд намудани дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ; аз ҳисоби даромадҳои иловагӣ ташкили фондҳои махсус барои кам кардани меъёри фоизи қарзҳои пешниҳодшаванда, ки фарқияти он аз ҳисоби ин фонд пӯшонида мешавад (саҳ. 81).

Дар диссертатсия исбот карда шудааст, ки нишондиҳандаи муҳимме, ки фаъолияти бонкҳоро тавсиф намуда, ба сифати воситаи танзим ва назорат баромад менамояд, ин даромаднокии дороиҳо ва сармояи бонкӣ мебошад ва ин албатта, сатҳи самаранокии фаъолияти бонкро нишон медиҳад. Бинобар ин риояи дуруст ва саривақтии ин меъёрҳо боиси он мегардад, ки ташкилоти қарзӣ даромаднокии дороиҳо, сармоя ва пардохтпазирии худро таъмин намуда, манфиатҳои пасандоздорону қарздеҳонро ҳимоя намояд.

Қобили дастгирӣ мебошад, ки муаллифи диссертатсяи нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳои тиҷоратии кишварро таҳил намуда, ба хулосаи зерин меояд, яъне, кайд мекунад, ки бонкҳоро зарур мебошад, ки барои баланд бардоштани ин нишондиҳандаҳои молиявии худ, роҳҳои самаранок истифодабарии дороиҳоро бо роҳи ба худ ҷалб намудани шумораи зиёди мизоҷон истифода баранд. Ҳарчанд ки даромаднокии дороиҳо ва даромаднокии сармоя дар байни бонкҳои тиҷоратӣ фаркияти калон дорад, аммо даромади фоизии холис ва меъёри пардохтпазирии ҷорӣ нисбатан ба ҳамдигар наздик аст (саҳ. 90).

Муаллифи диссертатсия дуруст кайд мекунад, ки ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ ин дар сатҳи зарурӣ мудирияти хавфҳои молиявӣ дар низоми бонкӣ арзёбӣ мегардад. Дар ин замина, кайд карда мешавад, ки дар шароити муосир вазифаи асосии бонки тиҷоратӣ барои рушди фаъолияти худ ин дарёфти роҳҳои вокеии кам кардани хавфҳо ва ба даст овардани даромади кофӣ мебошад. Барои ҷалби бештари маблағҳои амонатгузорон, ки ин ба фаъолияти ояндаи бонк накши асосӣ дорад, роҳҳои нав пайдо намуда, ин маблағҳоро ба амалиёти хавфашон паст сафарбар кардан шарти зарурӣ мебошад. Ҳалли бомуваффакияти ин масъалаи мураккаб истифодаи усулҳо, системаҳо ва таҳияи равишҳои нави идоракунии дороиҳои бонкро талаб мекунад (саҳ. 111).

Ҳамчунин илова ва натиҷагирии рушди минбаъдаи таҳкикоти илмии унвонҷӯ дар боби сеюм **"Такмили идоракунии дороиҳои бонкӣ ва кам намудани сатҳи пастравии сифати онҳо"** бошад, масъалаҳои актуалии ташаккули дороиҳои бонкӣ дар шароити баланд гардидани талабот ба ракамикунонии иктисодиёт, роҳҳои имконпазири кам намудани хавфи пастравии сифати дороиҳои бонкӣ дар шароити имрӯза, роҳҳои таъмини устувории молиявӣ ва истифодаи самараноки дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст (саҳ. 113-165).

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ аз он нуктаи назар қобили дастгирӣ мебошад, ки дар шароити имрӯза барои татбиқи ҳадафҳои таъмини устувории низоми бонкӣ ҳамаи он масъалаҳое, ки бевосита ба ҳиссаи дороиҳои бонкӣ марбут мебошанд ва он аз сатҳи дороиҳои низоми бонкӣ вобастагӣ дорад аз тарафи унвонҷӯ ба таври мушаххас мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудаанд. Истифодаи самараноки захираҳои бонкӣ агар

аз як тараф рушди муваффақонаи низоми бонкиро таъмин намояд, аз тарафи дигар имконияти рушди минбаъдаи фаъолияти бонкҳоро бо назардошти таъмини амнияти низоми бонкӣ дар ҳолатҳои душвортарин таъмин менамояд. Ҳамзамон, гуфтан мумкин аст, ки пояи асосии устувории иқтисодиёти миллӣ қабл аз ҳама аз сатҳи устувории захираҳои пулии бонкҳо ва идоракунии дороиҳои онҳо мебошад, ки мақсади таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ ҳаминро дар бар мегирад ва комилан қобили дастгирист. Ҳамчунин муваффақияти уновонҷӯро дар ҳар як параграфи диссертасия мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар хулоса натиҷаҳои муваффақонаи уновнҷӯро, ки он аз ду қисмати асосӣ иборат мебошад, ба таври комил дидан мумкин аст (саҳ. 166-170).

**Камбудиҳои таҳқиқоти диссертасионӣ**

Новобаста аз муваффақияту комёбиҳои таҳқиқоти диссертасионии унвонҷӯ, ки дорои арзиши баланди илмӣ мебошанд, як қатор камбудию норасоиҳоро низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки онҳо арзиши баланди таҳқиқотро коста наменамоянд. Ҳамзамон бо ислоҳи ин норасоӣ ва камбудиҳои мазкур моҳияти амалию методологии диссертатсия беҳтар мешавад:

1. Унвонҷӯ дар боби 1-ум, параграфи 1.2 - «Заминаҳои институтсионалии ташаккули дороиҳои бонкӣ дар шароити муосир»-ро мавриди баррасӣ қарор додаст (саҳ. 29-44). Аз нуктаи назари мо, бояд унвонҷӯ дар параграфи мазкур вобаста ба мушкилотҳои ҷойдошта ҷанбаҳои таъсиррасонро дар самти масоили мазкур мавриди баррасӣ қарор медод.

2. Дар параграфи 3-юми боби 1, ки «Таҷрибаи хориҷии идоракунии дороиҳои бонкӣ ва истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ шудааст, унвонҷӯ истифодаи самараноки имконпазир дар самти идоракунии дороиҳои бонкиро ба таври возеҳ ва пурра инъикос нанамудааст (саҳ.44-54).

3. Дар таҳқиқоти илмӣ вобаста ба таҳлили нишондиҳандаҳои муҳими дороиҳои бонкӣ дар сарчашмаҳо ҳисоби муаллиф зикр шудааст, лекин дар умум ҳисоби муаллиф вобаста ба таҳлилу натиҷа бояд инъикос карда шавад. Мушаххасоти рисола вобаста ба натиҷаҳои таҳлил беҳтар мегардид агар муаллиф ба ин масъала аҳамияти ҷиддӣ медод (диаграммаи 2.2, 2.5, саҳ. 65-87).

4. Дар қисмати хулосаи параграфи 2.2. муаллиф ба «зарурати мунтазам такмил додани раванди ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоот бо мақсади баланд бардоштани саҳеҳӣ ва эътимоднокии ҳисобҳо» таъкид кардааст, вале нақши барномаҳои компютерӣ дар ин раванд мушаххас нашудааст.

5. Нишондиҳандаҳои васеи фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ омӯхта шудаанд, ки арзишмандии натиҷаҳои илмии диссертатсияро боло мебаранд. Аммо, омилҳое, ки ба сохтор ва сифати дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ таъсирнок боқӣ мемонанд, дар сатҳи лозима мавриди таҳлил қарор нагирифтаанд.

6. Дар диссертатсия аксар нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ (параграфи 2.3.) пешгӯӣ карда шудаанд. Аммо, пешгӯиҳои нишондиҳандаҳои молиявӣ, дар асоси кадом консепсияҳо, барномаҳо ва стратегияҳои идоракунии бонкҳои тиҷоратӣ (ё рушди низоми молиявӣ) амалӣ гардиданд, нишон дода нашудааст.

7. Баъзе таклифу пешниҳодҳои муаллиф (саҳ.112,147,165) асосноккунии иловагиро талаб менамояд.

8. Дар диссертатсия шумораи бисёри расмҳо, ҷадвалҳо ва диаграммаҳо оварда шудаанд, ки моҳияти илмии онро боло мебаранд, аммо баъзе аз онҳо шарҳу тавзеҳи васеътарро тақозо мекунанд.

Бояд гуфт, ки камбудиҳои номбаргардида ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва дараҷаи илмии онро коста намекунад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Қайд кардан зарур аст, ки баҳои воқеӣ ва қаблии таҳқиқоти диссертатсияи унвонҷӯро интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия ташкил медиҳад, ки натиҷаҳои асосии он дар 17 мақолаҳои илмии муаллиф, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаву нашрияҳои мансуб ба номгӯйи маҷаллаву нашрияҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд (саҳ. 182-184), ки ба талаботи интишори натиҷаҳои диссертатсия мувофиқат мекунанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА**

Тарзи барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсияи Аҳадов И.Қ. ба талаботи “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия”, ки бо қарори раёсати

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022 таҳти №3 ҷавобгӯ мебошад.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия**

Таҳлилу баррасии амиқи муҳтаво ва мундариҷаи диссертатсияи Аҳадов Исматилло Қаюмович дар мавзуи "Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" нишон дод, ки он аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои мавҷудбуда мутобиқ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқаризи расмӣ, н.и.и., дотсенти**
**кафедраи молия ва андози факултети иқтисодии**
**МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"** **Бобоев Н.М.**

**Имзои н.и.и. Бобоев Н.М.-ро "тасдиқ менамоям",**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"** **Наврузов Э.Ҳ.**

Суроға: 734000, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел: (992) 34-22. Факс (992) 6 -52-73,
(992) 92 804-16-16
E-mail:aspirant-2012@mail.ru